# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-О17-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Махкамова Чаманғул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.**

«19» 06 2023 ш. Душанбе

1. Кори диссертатсионии Махкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон) таҳқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Қоидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Татбиқи пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда, ки ба таҳия ва ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии (ИОЗИ) кишоварзӣ дахл доранд, ба таҳлил ва таснифоти омилҳо ва шароитҳо имконият медиҳад, ки ба таври дақиқ принсипҳои мукаммали методологии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо мусоидат мекунад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавонанд дар фаъолияти худ ташкилоту идораҳои кишоварзии ҷумҳурӣ истифода намоянд.
2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳои вобаста ба муносибатҳои иқтисодиву ташкилие мебошад, ки дар раванди ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ба вуҷуд меоянд.
3. Мавзӯъ ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда: 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), бандҳои: 10.1. Коркарди проблемаҳои илмии идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот; самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ дар корхонаҳо, низомҳо ва

комплексҳо; назария ва амалияи идоракунии зиддибӯҳронии ташкилот. 10.4. Таъминоти иттилоотии низоми идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ; тарзу услуби таъминоти иттилоотии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. 10.8. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ. Ташкил ва идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии ташкилот. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои мониторинги равандҳои истеҳсолот ва дигар равандҳои ба он алоқаманд; идоракунии равандҳо ва низоми муосири истеҳсолот мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсияи илмии Махкамова Чамангул Абдуғафоровна истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсияи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Махкамова Чамангул Абдуғафоровна маълумотҳои ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошад.

Комиссияи ташхис мутобиқати бандҳои 60,61 ва 62-и Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ муқарраroти расмӣ аз рӯи мавзӯи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- **Насиров Раҳимбек** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур;
- **Тағоев Ҷумахон Ҳамроевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин карда шавад.
4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Институт ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ Шарипов Б.М.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ Рауфӣ А.

номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими
пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва
таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ Файзуллоева К.Н.

*Имзоҳои Шарипов Б.М., Рауфӣ А., ва Файзуллоева К.Н.-ро тасдиқ мекунам:*

Инспектори калони кадрҳои ИИД АМИТ Қурбонов Э.Т.